**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна таҳти унвони «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Абдулҳамиди Самад яке аз адибони шинохта ва пурмаҳсули адабиёти муосири тоҷик аст, ки беш аз панҷоҳ сол дар майдони адабиёт фаъолият дорад. Асарҳои пурмуҳтавои нависанда дар байни аҳли илму адаб ва хонандагон маҳбубияти зиёд дошта ва аз ҷиҳати масъалагузорӣ, тарзи тасвиру баён, олами ботинии инсон, таваҷҷуҳ ба одобу ахлоқ, арзишҳои миллӣ ва амсоли ин аз дигар адибон низ тафовут дорад. Нависанда бештар дар офаридани табиати мардуми деҳа, ҳисси баланди инсонгарии онҳо, хислати бо ҳам шарик будани онҳо дар тамоми раванди зиндагонии мардум, ватанпарастиву ҷонфидоии аксарияти бошандагони онро ба риштаи тавсир кашидааст, ки барои ҷомеа ва аҳли он дарси ибрат мебошад. Қиссаҳои «Баъд аз сари падар», «Паррончакҳо», «Аспи бобом», «Пиёлаи шикаста», «Косаи давр», «Маҳбус», «Майдон», «Сарлашкар», «Мистер», ҳикояҳояш ва романи «Гардиши девбод» аз ҷумлаи асарҳои адиб мебошад, ки дар назди хонандаи имрӯз маҳбубияти хоссае доранд. Муллифи рисола инъикоси масъалаи худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихиро дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад барҷаста ва нишонрас эътироф карда, тадқиқи онро муҳим ва саривақтӣ шуморидааст, ки қобили қабул аст.

Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад, ки аз ду китоб иборат буда, ҷилди якуми он соли 2007 ва ҷилди дуюмаш соли 2016 ба табъ расидаанд, таълиф ёфтааст. Асар тадқиқи бадеии воқеоти таърихи қариб якасраи халқи тоҷикро, шурӯъ аз соли 1920 – даврони инқилоби Бухоро, таъқибот, Ҷанги

Бузурги Ватанӣ ва солҳои ҷанги шаҳрвандии тоҷикон дар солҳои 1990-ум дар бар мегирад, таълиф шудааст.

**Навии диссертатсия** дар баррасии ҷилдҳои якум ва дуюми романи «Гардиши девбод» аз нигоҳи арзишҳои миллӣ ва таърихӣ зоҳир шудааст, ки мазмуну муҳтаво ва хусусиятҳои услубию бадеии асар муфассал таҳлил шуда, аҳаммияти бадеӣ-эстетикӣ ва тарбиявии он равшану возеҳ нишон дода шудааст.

Аҳамияти назарии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба инъикоси масоили миллӣ ва таърихият дар насри муосири тоҷик дар мисоли романи «Гардиши девбод» чун падидаи тоза равшанӣ андохта, дар омӯзиши муфассалу фарогири мавзӯи худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ, кумак расонида метавонад. Инчунин истифодаи натоиҷи назариявии таҳқиқ дар тадқиқи мавзӯъҳои ҳамсон дар осори дигар адибони тоҷик аз манфият холӣ нест.

Аҳамияти амалии таҳқиқ чун маводи омӯзишӣ дар китобҳои дарсӣ ҳангоми баррасии мавзӯи муҳимми арзишҳои маънавӣ ва хотираи таърихии миллат ҷой намудан мумкин аст. Ҳамчунин, аз маводи он ҳангоми таҳияи курси лексияҳо дар мавзӯъҳои «Таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар байни ҷавонон», «Инъикоси ҳофизаи таърихӣ дар насри муосир» дар таълифи таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) барои мактабҳои олии филологӣ метавон истифода кард.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, фаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима дар бораи мубрамияти масъалаи таҳқиқшаванда, пешинаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду аҳдофи таҳқиқ, равиши таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқот, навовариҳои он, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои пажӯҳиш дар амал ва коркарди он мулоҳизаронӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони “Абдулҳамид Самад ва эҷодиёти ӯ” аз чор фасл иборат буда, фасли якуми боби аввал “Аҳвол ва осори Абдулҳамид Самад” номгузорӣ шудааст ва ба таври мухтасар дар бораи зиндагонӣ, роҳи эҷодӣ ва осори адабии нависанда маълумот медиҳад.

Диссертант дар асоси назари муҳаққиқон С. Табаров, Ҷ. Бақозода, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев ҳаёт ва фаъолияти эҷодии нависандаро омӯхта, назари иҷтимоӣ ва фалсафии ӯро нисбат ба воқеаҳои давр муайян намудааст.

Фасли дуюм “Марҳалаҳои рушди насри Абдулҳамид Самад” номгузорӣ шудааст, дар ин қисмат диссертант эҷодиёти нависандаро вобаста ба муҳтаво ва замони эҷод ба се марҳала ҷудо карда, ҳар яки онро ҷудогона баррасӣ кардааст: аз навиштани ҳикоя, қисса (повест) ва роман.

Диссертант бар он ақида аст, ки хикояҳои аз ҷиҳати мундариҷаву шакл гуногунро тарзи хоссаи нигориши нависанда ба одаму олам бо ҳам мепайвандад, нигоҳи хосси нависанда ҳам дар ҳамин навҷӯиҳо дида мешавад. Ӯ рафтору амали қаҳрамони худро мавриди тасвир қарор дода, чун ҳайкалтароши ботаҳаммул аз онҳо шахсиятҳои рӯҳан қавию устувор ва шоистаи ибрат меофарад.

Жанри қисса дар эҷодиёти нависанда ҷойи махсусро ишғол мекунад ва маҳорати нависандагии А. Самад дар қиссаҳои «Баъд аз сари падар», «Паррончакҳо», «Косаи давр», «Аспи бобом», «Маҳбус», «Сарлашкар», «Ҳавои тирамоҳ», «Талош» зоҳир шудааст. Диссертант мундариҷа ва муҳтавои қиссаҳои нависандаро таҳлил намуда ба хулосае омадааст, ки яке аз ҷиҳатҳои махсуси сабки нависанда инъикоси ҳаёти муосир ва образи ҳамзамонон дар асарҳояш мебошад. Маънавиёт ахлоқ ва фалсафаи ҳастии инсон ҷавҳари андешаҳову офаридаҳои адибро ташкил намуда, тасвири рухдодҳову воқеоти муосир ва ҳамзамон ва дар ин замина ҷой додани мавзӯъҳои таърихӣ дар офаридаҳояш мавқеи хос доранд. Он, пеш аз ҳама, дар муносибати нависанда ба масоили зиндагӣ дарк, ҳазм ва тасвири ӯ

вобастагӣ дорад. Офаридаи адиб хонандаро ба ватандӯстиву инсонпарварӣ ва интихоби ахлоқи ҳамида ҳидоят мекунад. Ҷавҳари олии адабиёти бадеӣ низ ҳаминро тақозо мекунад.

Фасли сеюм, “Гардиши девбод” ва хусусиятҳои сохториву мундариҷавии он” дар бораи сохтори асар – бандубаст, сужет, ғояи асар, мавзӯъҳои дар роман матраҳшуда маълумот медиҳад. Диссертант ҳангоми баррасии роман дуруст қайд кардааст, ки романи «Гардиши девбод» яке аз беҳтарин асарҳои адабиёти муосир ба шумор рафта, аз лиҳози банду баст, бадеият, ҳунари образофариниву манзаранигорӣ, забони фасеҳу равон, тасвирҳои моҳирона, қиссапардозиҳои устуравӣ ва дар ҷову мақоми худ истифода бурдани панду ҳикмат, зарбулмасалу мақол, ҳикояву ривоят, таъбиру вожаҳои мардумӣ дар насри имрӯз падидаи тоза аст.

Фасли дигари боби аввал **“Образҳои “Гардиши девбод”** номгузорӣ шуда, дар он образҳои роман мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба хулосае омада шудааст, ки иштироки теъдоди муайяни персонажҳои асосӣ ва ёвар дар романи “Гардиши девбод” ва амалиёти онҳо боиси пайдоиши воқеаву ҳодисаҳои мутаассили сужети асар гардидааст. Дар роман образҳои асосӣ - Дилёб, Некном, Мирак, Сифат, Зикамоҳ, Гадо, Насим, Наим ва гурӯҳи персонажҳои лаҳзавию воқеӣ, умуман, дар ду китоб зиёда аз 96 персонаж иштирок мекунанд, ки дар ҷадвал ба таври дақиқ нишон дода шудааст.

Фасли якуми боби дувум “Инъикоси бадеии воқеаҳои инқилобӣ дар асар” ном гирифта, дар он тамоми воқеаҳои инқилобии садаи XX фаро гирифта шудааст, ки он бояд барои инсон ҳамчун дарси ибрат бошад. Дар ин фасл муаллиф кушидааст, ки раванди воқеаҳоро аз нигоҳи нависанда мавриди омӯзиш қарор дода, зина ба зина дар асоси нуқтаи назари муҳаққиқон андеша ва хулосабарориҳои амиқ намудааст.

Дар фасли дуюми боби дувум, ки “Тасвири бадеии айёми таъқибот ва Ҷанги Бузурги ватанӣ” номгузорӣ шудааст, рӯзгори пуршиканҷа,

бадбахтиҳои замони таъқиботи сталинӣ ва ҷанги дуюми ҷаҳонӣ тасвир баррасӣ шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм “Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва тасвири бадеии он дар роман” номгузорӣ шуда, воқеаҳо ва даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ дар асоси факту далелҳо ва шоҳидҳои он замон, ки дар шакли бадеият тасвир шудааст, диссертант таҳқиқу таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст: “тасвири воқеаҳои садаи XX дар романи “Гардиши девбод” А. Самадро водор кардааст, ки усулҳои андешапарварона ва публитсистии баёнро ҳунармандона ба ҳам пайвандад ва ба ин восита хонандаи имрӯзро ҳушдор диҳад, ки ба гардишҳои таҳлуканоки таърихӣ аз диди нав баҳо дода, аз онҳо хулосаҳои мантиқӣ барорад. Таҷдиди назар ба зиндагии халқ ва муносибатҳои иҷтимоии одамон муҳимтарин дастоварди нависанда дар давраи нав ба шумор меравад”.

Боби сеюми диссертатсия – “Хусусиятҳои миллии роман” аз се фасл – фасли аввал “Тасвири суннатҳои мардумӣ дар роман”, фасли дувум “Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ ” ва ниҳоят фасли сеюм “Сабки фардии муаллиф – ифодагари миллияти асар” номгузорӣ шуда, ҳар яке ба таври амиқ ва дақиқ такя ба назари нависанда ба дигаргуниҳои таърихӣ ва таъсири он ба ҳаёти мардум ҳамчун сабақи зиндагӣ дар баробари сабки хоси нависанда омӯхта шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври куллӣ натиҷаҳои муаллиф ҷамъбаст гардидаанд. Хулосаҳои муаллиф то андозае дар заминаи вазифаҳои гузошташуда илмӣ, воқеӣ, мантиқиву боэътимоданд.

Забону баёни муаллиф дар ибрози масъалаҳои илмӣ бомантиқ, илмӣ ва баёнгари андешаҳои устувори ӯ дар таъйиди натиҷаҳои илмияш мебошанд.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар суди пажӯҳиш хоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия пешинаи таҳқиқи мавзӯи баррасишаванда пурра фаро гирифта нашудааст;

2. Диссертант дар боби аввали фасли аввал оид ба осори А. Самад, на назари адабиётшиносон, балки бештар назари нависандагонро зикр намудааст, ки дар кори илмӣ маҳз назари адабиётшиносон бояд дар мадди назари муҳаққиқ бошад (саҳифаҳои 16, 17, 21, 22, 25, 56, 57...);

3. Дар рисола бештари лаҳзаҳои романи «Гардиши девбод» нақл карда мешавад, на таҳлил (саҳифаҳои 54, 55, 56, 76...);

4. Диссертант дар баъзе мавридҳо дар рисола пайи ҳам иқтибос оварда, нуқтаи назари хешро дар баробари гуфтаҳо зикр накардааст ё ин ки мавриди таҳлил қарор надодааст;

5. Дар диссертатсия хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Ниҳоят таъкид кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои дар боло зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро коста наметавонанд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: русӣ ва тоҷикӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта мундариҷаи корро бо мақолаҳои ба табъ расонидаи муаллиф инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна таҳти унвони «Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи «Гардиши девбод»-и Абдулҳамид Самад» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Муовини директор оид ба илм
ва таълими Институти забон ва адабиёти
ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ Х. Хошимова

Сардори шуъбаи кадрҳо Нарзикулова Х.

04. 05. 2020